Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003), ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ».**

Дар марҳилаи муосири иқтисодиёти бозории Тоҷикистон нақши соҳибкорӣ дар ташаккул ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ имконият фароҳам меорад, ки Тоҷикистон ба ҳадафи стратегии худ - таъмини амнияти озуқаворӣ ноил гардад.

Саҳми соҳибкориро дар таъмини амнияти озуқаворӣ ба инобат гирифта, ҳукумати ҷумҳурӣ шароит ва имкониятҳои фаровон барои рушди бахши кишоварзии кишвар пешниҳод намудааст. Вале, ҳоло ҳам иқтидору зарфият ва роҳу усулҳои рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ, махсусан бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ мавҷуданд, ки истифодаи онҳо дар шароити кунунӣ аз ҷониби соҳибкорон саривақтӣ маҳсуб мегардад.

Муаллиф дар раванди таҳияи рисолаи номзадӣ ва баррасии масъалаҳо кӯшиш ба харҷ додааст, ки вазъи имрӯзаи соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон, мушкилот ва ҳолати ҷойдоштаро бо таҳлилҳои илман асоснок муайян намуда, дурнамо ва рушди босуботи онро бо тавсияҳои муфид пешниҳод намояд.

Бояд зикр намуд, ки натиҷаҳои илмӣ, ки зимни таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, аз коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии самтҳо, усулҳо ва равишҳои асосии таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши кишоварзӣ ва бо ин васила таъмини амнияти озуқаворӣ иборат мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳое, ки дар доираи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф пешкаш карда шудааст, барои беҳдошти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон тавассути рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ қобили қабул шуморида мешавад.

Аз муҳтавои автореферат маълум гардид, ки рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст ва дар умум 208 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариву методологӣ, сарчашмаву навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариву амалӣ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври хос асоснок карда шудааст.

Дар боби якум, ***«Асосҳои назариявӣ ва методологии соҳибкорӣ»*** масъалаҳои назариявии марбут ба соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин, дар боби мазкур таҷрибаи ҷаҳонии ташкил ва рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм, ***«Арзёбии вазъи кунунии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»*** ба таҳқиқи вазъи фаъолияти соҳибкорӣ, омилҳои асосии рушд ва самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат бахшида шудааст.

Боби сеюм, ***«Самтҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»*** номгузори шуда, диққати асосӣ ба таҳқиқи баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ равона гардидааст. Ҳамзамон, дар ин боб оид ба сатҳи истифодаи техникаю таҷҳизоти хусусияти инноватсионӣ дошта ҳангоми кишту парвариши маҳсулоти кишоварзӣ назарсанҷӣ гузаронида шуда, хеле хуб хулосабарорӣ карда шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии кори илмӣ таҳқиқотии муаллиф ба таври мушаххас оварда шудааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъии зерин ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд, агар аз ҷониби муаллиф таклифу пешниҳоди мушаххасу алоҳида доир ба роҳҳои дастрасии соҳибкоронӣ кишоварзӣ ба қарзҳои имтиёзнок таҳқиқ ва пешниҳод карда мешуд.
2. Дар баъзе ҷумлаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ ҷой доранд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Эроду камбудиҳои ошкоргардида ҷузъӣ ва характери тавсиявӣ дошта, арзиш ва моҳияти илмӣ–амалии автореферат ва диссертатсияро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, аз нигоҳи мо, автореферати кори диссертатсионии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» кори ба итмом расида буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй аст. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ арзанда мебошад.

**Муқарриз:** муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.и. Азизов С.А.

27.08.2024

Имзои н.и.и., Азизов Сафарҷон Ахмедшоевичро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсус Ғаюров Ф.З.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носиров 33 (+992) 37 24-1786
https://apa.tj